# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзӯи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06-Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01-назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Дар марҳилаи имрӯзаи рушди босуботи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва марҳила ба марҳила ба самти ҷаҳонишавӣ ворид гардидани системаи мактаб ва маорифи кишвар, масъалаи таълиму тарбияи насли навраси арзандаю сазовори ҷомеа,ки ҳамқадами тағйиротҳои замон буда,ояндаи онро бар дӯш бояд бигирад ба муаммоҳои мубрам ва саривақтӣ мубаддал гардидааст.Дар ин раванд таҳсилоти томактабӣ дар канор нест.Роҳбарияти олии кишвар аз рӯзҳои аввали ба соҳибихтиёрӣ қадами устувору умедбахш гузоштани мамлакат ба масъалаи зери ғамхории доимӣ фаро гирифтани ин қишри ҷомеа ва муҳайё сохтани шароитҳои беҳтарини ҷавобгӯй ба меъёрҳои ҷаҳонӣ кушишҳои пайвастаи судманд менамояд.

Бо баробари қабул гардидани ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар самти рушди таҳсилоти томактабӣ,мунтазам афзудани иншоотҳои наву замонавии ба хурдсолони синни тамактабӣ мувофиқ,таъмин будани муассисаҳои томактабии кишвар ба тарбиятдиҳандагони соҳибтахассус, дар марҳилаи имрӯза масъалаи баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи хурдсолон бо назардошти талаботҳои муосири ҷомеаи зудтағйирёбанда дар мадди аввал қарор гирифтааст. Дар ин замина коркард ва истифодаи усулҳои муосири таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ва ба риштаи таҳқиқ кашидани он дар назди олимону муҳаққиқони ҷавон вазифаҳои худро мегузорад.

Бо назардошти мубрамияти масъала Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар самти ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии бачагони синни калони томактабӣ мавзӯи рисолаи илмии худро муайян намуда, дар давраи таҳқиқот кӯшиш ба харҷ дод,ки паҳлуҳои гуногуни онро мавриди таҳлил ва натиҷабардорӣ қарор диҳад,аз ҷумла:рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар шарити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҳаматарафа таҳлил карда шуд;имкониятҳои муассисаҳои гуногуни таҳсилоти томактабӣ дар кори ташаккул додани салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии бачагон омӯхта ва ошкор карда шуд;дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти томактабӣ нишондиҳандаҳои муайянкунандаи савияи ташаккулёбии салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагон омӯхта шуд;вобаста ба рушди салоҳиятҳои

маърифатӣ ва эҷодии бачагон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ амсилаи мушаххас коркард гардида,тавсияҳои асосноки илмӣ пешниҳод карда шуд.

Муаллифи диссертатсия Мансурова Д.Қ. дорои сатҳи баланди омодагии касбӣ мебошад ва ин имконият фароҳам овард, ки дар давраҳои таҳкикот вазифаҳои дар наздаш гузоштаро саривакт ба иҷро расонад,аз ҷумла кор бо адабиётҳои лозимаи илмию соҳавӣ,ҷамъоварӣ намудани сарчашмаҳои илмӣ-методии соҳавӣ,омӯзиш ва таҳлили таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ вобаста ба мавзӯъ,ифтифодаи дуруст ва босамари методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ,гузаронидани пурсишномаҳо бо кормандони муассисаҳои томактабӣ,сӯҳбату вохӯриҳо бо дастпарварони муассисаҳои томактабӣ,таҳрир ва ҷобаҷогузории фаслу бобҳои рисолаи илмӣ ва амсоли инҳо.

Маврид ба зикр аст, ки Мансурова Д.Қ. усулҳои таҳлили илмӣ-омориро ба қадри кофӣ азхуд карда, қобилияти мустақилона гузарондани тадкиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, истифода бурдани маводҳои васеи илмиро тавассути такя ба манбаъҳои мустаҳками назариявию амалӣ нишон дод.Дар ҷараёни ташкили корҳои таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои томактабӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабӣ мунтазам иштирок намуда,вижагиҳои онро аз наздик мавриди мушоҳида ва омӯзиш қарор дода тавонист,ки ин имконият пеш овард,ки диссертант дар охир тавсияҳои судманд коркард намояд. Унвонҷӯй Мансурова Д.Қ натиҷаи кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ-назариявӣ ба тарики гузориш пешниход намуда,ҳамзамон дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва дигар нашрияҳои илмӣ ба ба шакли мақола аз чоп баровардааст.

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ, чунин мешуморам, ки диссертатсияи мазкур кори илмӣ - тахассусии пурра ба анҷомрасида мебошад, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ ва назариявӣ иҷро карда шудааст. Муаллиф дар давраи таҳқиқот худро ҳамчун унвонҷӯйи босалоҳият ва эҷодкору таҳқиқотчӣ нишон дод. Дар рафти таҳқиқи рисолаи номзадӣ ба таҷрибаи педагогии худ такя намуда,дар ҷараёни корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои томактабӣ онро ҳаматарафа истифода намуд. Умуман, Мансурова Дилрабо Қодирҷоновнаро метавон ҳамчун унвонҷӯйи соҳиби дониши хуб, дорои қобилияти пеш бурда тавонистани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҳамчунин ӯ дорои сифатҳои арзишманди педагогӣ буда, мустақилона тадқиқоти илмро ба пеш бурда метавонад.

Кори диссертатсионии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновнаро ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 13.00.06-Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01-назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: +992 92 847 76 07. e-mail: saburov.67@mail.ru

Имзои Сабурӣ Х.М. – ро тасдиқ мекунам:
сардори РК ва КМ МДТ "ДДХ ба
номи академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.М.

05. 06. 2023.